**Тақризи роҳбари илмӣ**

**доктори илмҳои филологӣ, профессор Элбоев Вафо Ҷӯрақулович ба диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи «Поэтикаи достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ). –Душанбе, 2022.**

Таҳқиқи мавзуъ, мундариҷа ва поэтикаи ин ё он асари бадеӣ дар адабиётшиносӣ аз фаъолияти муҳим ва ҷиддии илмӣ мебошад, ки аз пажуҳишгар нигоҳу назари хос ва андешаи фарохро талаб дорад. Маъмулан, таҳқиқи асарҳои муҳими манзум ва мансури адабиёти классикӣ асосан аз ду роҳ сурат мегирад: 1.Таҳқиқи алоҳидаи асар. 2.Пажуҳиши муқоисавии ду ё се асар, ки унвонҷӯ Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна аз рӯи меъёри аввалӣ ба таҳқиқи мавзуи «Поэтикаи достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ» пардохтааст.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ яке аз бузургтарин ва муваффақтарин шоирон ва адибони асри XV-и адабиёти классикии форсии тоҷикӣ мебошад, ки бо осори зиёди адабӣ ва илмии худ мақому ҷойгоҳи сазоворро соҳиб гардидааст. Достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ яке аз беҳтарин асар дар ин мавзуи ҷолиби адабиёти классикии мо мебошад, ки баъд аз эҷодаш ба ин достон назираҳои зиёд ва ҳатто шарҳҳои гуногун низ нигошта шудааст. Диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна аз муқаддима, се боб ва хулосаву китобнома фароҳам омадааст. Дар муқаддимаи диссертатсия масъалаҳои мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, метод ва методология, сарчашмаҳо, объект, предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо як тартиб ва низоми муайяни талаботи диссертатсияҳои илмӣ нигошта шудаанд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда дар он нуктаҳо ифода мегардад, ки масъалаҳои поэтикаи асар дар ҳамбастагӣ бо муҳтаво, сохтор, манбаъҳо, сарчашмаи достон, нусхашиносӣ ва шарҳнависӣ ба он ва образҳо таҳлилу баррасӣ карда мешаванд. Аҳаммияти мавзуъро инчунин масъалаҳои ҷойгоҳи фоҷиа дар достон, афкори адабии шоир, ҳунари шоир дар офаридани достон, мақоми унсурҳои мусиқӣ, тасвири унсурҳои табиат дар достон ва ғайра низ бозгӯй мекунанд, ки баррасии ин масъалаҳо то ҳол дар адабиётшиносии тоҷик ба таври таҳқиқоти алоҳидаи монографӣ бозгӯй нашудаанд ва аз аҳаммияти хуби илмӣ бархурдоранд. Пажуҳиши масъалаҳои баёнгардида фазои таҳқиқ ва баррасии илмии достонро муайян мекунад ва нақши муаллифи асарро дар ҳусни гуфтораш ва ҳунари шоирияш ба таври пурра бозгӯй менамояд.

Дар адабиётшиносии тоҷикӣ то кунун достонҳои алоҳидаи классикӣ дар ҳамбастагии мавзуъҳои муҳтаво, нусхашиносӣ ва поэтика хеле кам омӯхта шудаанд, аз ин рӯ иқдоми Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар таҳқиқи мавзуи “Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ” шоистаи таҳсин аст ва чунин масъалагузории таҳқиқи мавзуъ аз нигоҳи назарӣ ва амалии пажуҳиши илмӣ аз омодагии жарфи унвонҷӯ дар омӯзиши мавзуъ дарак медиҳад. Унвонҷӯ масъалаҳои таҳқиқи назарӣ ва амалии мавзуъро мушаххас омӯхта, нуктаҳои дигари пажуҳишро, ки дар мундариҷаи кор баён шудаанд, бо як низоми муайяни илмӣ таҳқиқ кардааст. Дар радифи муҳтаво ва ҷойгоҳи образҳои достон унвонҷӯ зиёдтар ба пажуҳиши масъалаҳои поэтикаи достон, аз ҷумла: нусхашиносии достони “Юсуф ва Зулайхо”, афкори адабии Ҷомӣ дар достон, ҳунари шоир дар тасвирсозӣ, мавқеи санъатҳои бадеӣ, забон ва сабки шоир, мақоми унсурҳои мусиқӣ, табиат ва муколама дар достон, мавқеи хоб ва руъё ва паёмҳои шоирона машғул гардида, ҳусни сухан ва маҳорати шоирии ин адиби бузурги сухангустарро бо андешаҳои хуби илмӣ нишон додааст. Инчунин,

масъалаҳои афкори ирфонии Абдурраҳмони Ҷомӣ дар достон ба пажуҳиш гирифта шудааст, ки аз аҳамияти дигари илмии диссертатсия гувоҳӣ медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷу аз таҳқиқи мавзуъ далолат бар он нукта мекунанд, ки Ширинова Б.Б. мавзуъро хуб омӯхтааст, ба таҳқиқ хуб ворид шудааст ва ҳамчун муҳаққиқ ба камол расидааст. Таҳқиқоти анҷомдодаи Ширинова Б.Б. дар омӯзиши ин мавзуъ саҳифаи тоза аст, ки онро муҳаққиқони дигар дар мавриди хондани лексияҳо ва пажуҳиши масъалаҳои таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ истифода мебаранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна таҳқиқи ҷомеъ ва фарогири достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дар адабиётшиносии тоҷикӣ мебошад. Бинобар ин, бо боварӣ метавон гуфт, ки диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи "Поэтикаи достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ" кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи Олии Атттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) комилан ҷавобгӯст ва барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи назария ва таърихи**
**адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии**
**омӯзгории Тоҷикистон ба номи**
**Садриддин Айнӣ** **Элбоев В. Ҷ.**
**Тел: 987600143**

**E mail: Vafo_1965@mail.**

**Имзои профессор В.Элбоевро тасдиқ менамоям:**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи С.Айнӣ** **Мустафозода А.**

**Сана "30" декабри соли 2022**